**Такриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бобораҷабова Гулноза «Консепсияи шахсият ва ҳунари чеҳранигорӣ дар осори С. Айнӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – 27 саҳ.**

Айнишиносӣ аз масъалаҳои доманадор ва серпаҳлуи илми филологияи тоҷик чи дар замони зиндагии устод Айнӣ ва чи дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад. Зиндагиномаи ибратбахш ва осори оламшумули ин адиби шуҳрати ҷаҳонӣ касбнамуда аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ хеле зиёд таҳқиқу пажӯҳиш гаштааст ва олимони зиёде дар илми филологияи тоҷик мактаби махсуси айнишиносиро таъсис додаанд. Хизматҳои арзишманди олимони зиёди ватанию хориҷиро гунаи И.С.Брагинский, М.Шукуров, С.Табаров, Х.Мирзозода, Х.Асозода, А.Кучаров, А.Маҳмадаминов, М.Имомов, А.Набавӣ ва чанде дигаронро дар шинохти шахсияти устод Айнӣ ва осори гаронмояи ӯ метавон ном бурд, ки бори дигар дар рисолаи тадқиқотии унвонҷӯ ёдоварӣ гаштаанд.

Рисолаи илмии Бобораҷабова Гулноза идомаи раванди тадқиқи айнишиносӣ ба шумор рафта, яке аз масъалаҳои муҳиммеро дар ин ҷараён мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Аз муҳтавои фишурда маълум мешавад, ки диссертатсия аз муқаддима, се боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, мувофиқ ба мавзӯъ муҳиммияти кори тадқиқотиро фарогир мебошад ва унвонҷӯ тавонистааст аз уҳдаи вазифаи дар назди худ гузошта ба хубӣ барояд. Қобили қайд аст, айнишиносӣ дар замони истиқлолият раванди тозаеро ба худ касб намудааст ва месазад, ки ба рӯзгор ва осори ин адиб аз диди замон баҳои сазовор дода шавад. Муаллифи рисола низ ҳамин масъулиятро ба дӯш гирифта ҳамаҷониба кӯшиш намудааст, мавзӯъро аз диди илмӣ таҳлилу баррасӣ намояд. Унвонҷӯ барҳақ таъкид менамояд, ки: «С. Айнӣ тибқи эътирофи аксари муҳаққиқони осораш на танҳо дар тасвири воқеаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, балки дар офариниши чеҳраҳои гуногуни бадеӣ,

тасвири симои зоҳирию ботинии намояндагони табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ маҳорати баланд дорад» (саҳ 14).

Хулосаҳои ҳар фасл ва натиҷаву баррасии кор аз ҳар ҷиҳат арзиши илмии кори тадқиқотиро афзун намудааст.

Ҳамчун эрод метавонон қайд намуд, ки дар автореферат ғалатҳои техникӣ мушоҳида мешаванд. Иқтибос дар саҳ. 12 ғалат оварда шудааст.

Ғалату норасоиҳои зикршуда арзиши илмии тадқиқотро кам намекунанд, зеро тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гаштааст ва муаллифи рисола арзандаи унвони номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, мебошад.

Дотсенти кафедраи забони
тоҷикӣ ва усули таълими забон
ва адабиёти тоҷики ДМТ,
номзади илмҳои филологӣ — Солеҳ Қосимов

Имзои Қосимов Солеҳро
тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ — Эмомалӣ Тавқиев